**Ба Шӯрои диссертатсионии**
**6D.КОА-013 назди Донишгоҳи давлатии**
**ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон**
**(735700, ш.Хуҷанд, мкр-н 17, б.1)**

# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Ҷураев Меҳроҷ Бобоқулович дар мавзӯи: "Ташаккули рақобатнокии низоми иқтисодии минтақа (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт (6D050606 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ)**

## 1. Муҳимияти мавзӯи таҳқиқот

Мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионии Ҷураев Меҳроҷ Бобоқулович – "Ташаккули рақобатнокии низоми иқтисодии минтақа (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)" мутобиқ ба яке аз самтҳои Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ба иҷро расидааст. Дар ин ҳуҷҷати муҳими стратегии давлатӣ чунин қайд карда шудааст: " "дар ҷойҳо" (дар минтақаҳои кишвар) масъалаҳои зиёди ҳалношуда боқӣ мондаанд. ... Рушди минтақаҳои кишвар сатҳи муҳимтарини татбиқи ислоҳоти иқтисодӣ буда, ҳамчун нуқтаи ниҳоии тамоми кушишҳои қатъии ҳукумат дар самтҳои афзалиятнок дида баромада мешавад: аз ҷумла, таъмини сатҳи қобили қабули амнияти энергетикӣ ва озуқаворӣ, рушди имконоти коммуникатсионии кишвар ва вусъатдиҳии шуғли пурмаҳсул".

Ҳанӯз ҳам дар минтақаҳои алоҳидаи кишвар омилҳое, ки ба татбиқи Стратегияи миллии рушд халал мерасонанд, мавҷуданд, алалхусус нигаронии иқтисодиёт ба пешниҳоди ашёи хом, ҳиссаи бузурги молҳои воридотшаванда дар бозорҳои миллӣ, рушд наёфтани соҳаҳое, ки рушди инноватсиониро таъмин менамоянд, пурра ҳалли худро наёфтани муаммоҳои бекорӣ дар минтақаҳо, бештар истифодабарии усули экстенсивии рушд ва афзоиши мушкилоти экологӣ ва ғайра. Дар баробари ин ташаккули рақобатнокии ҳар як минтақа равандҳои шадидро тавлид мекунад, ки бо ин васила барои таъмини рушди устувор шароити мусоид фароҳам меорад. Бинобар ин ҳар минтақаи алоҳида бо баланд бардоштани мавқеи рақобатпазирии худ вазъи иҷтимоию иқтисодии кулли субъектҳои хоҷагидориро рӯ ба инкишоф медиҳад, сатҳи

некӯаҳволии мардумро беҳтар менамояд. Чунин минтақа барои рушди устувори худ имтиёзҳои бештар пайдо хоҳад намуд.

Дар айни замон бисёр ҷанбаҳои таъмини рақобатнокии иқтисодиёт дар сатҳи минтақавӣ ба таври кофӣ омӯхта нашудааст. Пеш аз ҳама набудани таҳқиқоти назариявӣ ва амалии ташаккули рақобатнокии иқтисодиёти минтақа чун шарти гузариш ба рушди устувор, амнияти институтсионалӣ ва сиёсати минтақавии он муҳимияти мавзӯъро боз ҳам муҳимтар мегардонад. Бо назардошти чунин масъалаҳои ҳалталаб зарурати интихоб ва омӯзиши мавзӯи диссертатсионӣ ба миён омадааст.

## 2. Дараҷаи асоснокии дастовардҳои илмӣ ва хулосаву пешниҳодҳо дар диссертатсия

Муаллиф бо моҳирона истифодабарии усулҳои таҳқиқот дар асоси риояи принсипи низомбандии ақидаҳои илмӣ, методҳои хулосабарории назариявӣ ва эмпирикӣ, таҳлилу синтез, таҳлили сохторию функсионалӣ, оморию риёзӣ, намоявӣ (индексӣ), инчунин истифодаи маҷмуавии усулҳо, яъне интегралӣ ва роҳҳои интихобшудаи саҳеҳияти мавриди талаби хулосаҳои назариявӣ ва пешниҳодҳои амалӣ имкон пайдо кардааст, ки то ба мақсади асосии таҳқиқот – коркарди асосҳои назариявӣ ва амалии такомули механизми таъмини рақобатнокии минтақа муваффақ гардад.

Дар диссертатсия асоснокии хулосаву пешниҳодҳо ва сатҳи илмияти он аз он шаҳодат медиҳад, ки муаллиф асарҳои илмии олимони иқтисодии ватаниву хориҷиро дар самти рушди иқтисодӣ, муносибатҳои рақобатӣ, рақобатнокӣ, иқтисодиёти минтақа эҷодкорона истифода бурдааст.

Заминаи иттилоотии таҳқиқоти илмиро дастурҳо, баромадҳо ва Паёмҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, Стратегия ва барномаҳои давлатии рушди иқтисодӣ, маълумотҳои Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводҳои конференсияҳо, маводҳои таҳлилӣ ва таҳқиқотӣ, захираҳои иттилоотии шабакаи «Internet» ташкил додаанд.

Навоварии илмии диссертатсия дар гузориш ва асоснокгардонии заминаҳои назариявию методологӣ ва методӣ оид ба ташаккули рақобатнокии минтақаи вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчунин таҳияи тавсияҳои амалӣ оид ба баланд бардоштани мавқеи он зоҳир мегардад.

Чун натиҷаҳои назарраси илмии диссертатсия нуктаҳои зеринро метавонем бо тарзи алоҳида қайд намоем:

- ҷанбаҳои назариявию методии рақобатпазирии иқтисодиёти минтақа моҳирона низомбандӣ шуда, дар асоси он ба мафҳуми рақобатпазирии минтақа саҳеҳӣ ворид карда шудааст;

- гуногунҷабҳагии усулҳои арзёбии рақобатнокӣ ҳамаҷониба асоснок гардида, афзалияти усули интегралии арзёбии вазъи рақобатпазирии иқтисодиёти минтақа муайян карда шудааст;

- таҷрибаи хориҷӣ оид ба механизмҳои таъминкунии рақобатпазирии иқтисодиёти минтақа таҳқиқ карда шуда, дар амалияи иқтисодиёти миллӣ самтҳо барои истифодабарӣ исбот шудааст;

- сатҳи рақобатпазирии минтақаҳои ҷумҳурӣ, аз он ҷумла шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд тибқи нишондиҳандаҳои ҷозибияти инвеститсионӣ ва фаъолнокии иқтисодӣ аз ҷониби муаллиф арзёбӣ гардидааст;

- дар асоси вазъи некӯаҳволии аҳолӣ ва самаранок истифодабарии захираҳо сатҳи рақобатпазирии минтақаҳои ҷумҳурӣ ва шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд баҳогузорӣ гардидааст;

- ҳисоби интегралии рақобатнокӣ ва дар асоси он сатҳи рақобатпазирии минтақаҳои ҷумҳурӣ ва шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд арзёбии объективӣ карда шудааст;

- тавсияҳои илмӣ-амалӣ оид ба такомули механизми таъмини рақобатпазирӣ дар минтақаҳо коркард ва пешниҳод гардидааст.

-

## 3. Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, 8 фасл, хулосаву пешниҳодот, рӯйхати адабиёти истифодашуда бо теъдоди 140 номгӯй иборат аст. Ҳаҷми умумии кори диссертатсионӣ 175 саҳифа матни асосӣ, 40 ҷадвал, 13 расмро дар бар гирифтааст.

**Дар муқаддима** зарурат, мубрамияти мавзӯи диссертатсия, дараҷаи таҳқиқи илмӣ, объект, предмет, мақсад, вазифаҳои таҳқиқот, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, навгониҳои илмӣ, нуктаҳои ба ҳимоя пешкашшаванда, апробатсия, саҳми шахсии унвонҷӯй матраҳ гардидааст.

**Дар боби якум - “Ҷанбаҳои назариявии рақобат ва рақобатпазирии минтақавӣ: моҳият ва таркиби иқтисодӣ”** ҷанбаҳои илмӣ, мундариҷаи иқтисодии мафҳуми рақобатпазирии минтақавӣ, равияи методии

баҳодиҳии рақобатпазирии минтақавӣ ва таҷрибаи хориҷӣ оид ба идоракунии рақобатпазирӣ таҳқиқ карда шудааст.

Диссертант бо истифода аз назарияҳои рақобат, рақобатнокӣ раванди ташаккул ва рушди рақобатнокии минтақавиро ба чунин самтҳо ҷудо намудааст: якум, гузаронидани таҳлили ҳолати объективии минтақа, дуюм гурӯҳҳои мақсадноки ташаккулдиҳандаи захираҳои минтақа, ки афзалияти рақобатро доранд, сеюм арзёбии сатҳи рақобатпазирии минтақа дар муқоиса бо дигар минтақаҳо, мониторинги амалигардонии стратегияи рушди пай дар пайи ҳудудҳо, чорум, истифодабарии афзалиятҳои рақобати вилоятҳо, вусъати афзоиши иқтидори умумии рақобатпазирии минтақаҳо (с.19-27).

Дар диссертатсия тавсифҳои зиёди рақобатпазирии минтақа таҳқиқ карда шуда, ҷанбаҳои илмии онҳо аз ҷониби муаллиф зери таҳқиқ гирифта шудааст. Дар асоси омӯзиши адабиёти муосири илмии иқтисодӣ муаллиф тавсифи муаллифии худро оид ба мундариҷаи рақобатпазирии минтақа пешниҳод намудааст. Муаллиф ҷанбаҳои таъмини рақобатпазириро нисбатан васеътар дар бар мегирад, ки боиси таваҷҷуҳ аст (с.28-30).

Муаллиф тарзҳои гуногуни арзёбии рақобатпазирии иқтисодиёти минтақаро таҳқиқ намуда, нақш ва аҳамияти онро дар иқтисодиёти муосир муайян намудааст. Инчунин дар диссертатсия ҷанбаҳои мусбӣ ва манфии ҳар як услуби таҳқиқшуда арзёбӣ карда шудааст (с. 36-37).

Диссертант дар кори диссертатсионӣ ба усули интегралии арзёбии сатҳи рақобатпазирии минтақа диққати махсус додааст ва барои истифодабарӣ асоснок намудааст. Тибқи он рақобатнокии минтақа аз нуктаи назари равияҳои зерин: нишондиҳандаҳои ҷолибияти инвеститсионӣ ва фаъолнокии минтақа; нишондиҳандаҳои сатҳи зиндагии аҳолии минтақа; нишондиҳандаи мавҷудият ва самаранокии истифодаи захираҳои минтақа мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст (с. 40-52).

**Дар боби дуюм - "Таҳлили ҳолати рақобатпазирии минтақаҳои иқтисодиёти миллӣ"** ҳолати ҷории рақобатпазирии минтақаи вилояти Суғд, омилҳои ба он таъсиррасонанда, рақобатпазирии иқтисодиёти минтақавӣ арзёбӣ карда шудааст.

Муаллиф чунин мешуморад, ки рақобатпазирии минтақа тавассути мавҷудияти афзалиятҳои рақобатӣ, яъне онҳое, ки ба минтақа имконияти ба даст овардани мавқеи боз ҳам беҳтарро нисбат ба дигар минтақаҳои кишвар медиҳанд, муайян карда

мешавад. Афзалиятҳои муайяни рақобатпазириро вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дорад (с. 75).

Диссертант сатҳи рақобатпазирии шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғдро аз рӯи меъёри ҷолибияти инвеститсионӣ ва фаъолнокии иқтисодӣ, сараввал, дар байни минтақаҳои ҷумҳурӣ, дар навбати худ дар байни шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд мавриди таҳқиқ қарор додааст (с. 89-92). Муаллиф аз рӯи нишондиҳандаҳои мавҷудият ва самаранокии истифодаи захираҳо сараввал дар байни минтақаҳои ҷумҳурӣ, дуввум дар байни шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд сатҳи рақобатнокии иқтисодиёти онҳоро муайян кардааст (с. 103-107).

Дар диссертатсия муаллиф таваҷҷуҳи бештари худро пеш аз ҳама ба арзёбии маҷмуавии рақобатнокии минтақа ва фаъолияти ҳокимияти маҳаллӣ равона карда, сараввал нишондиҳандаи интегралии рақобатпазирии минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва пас аз он шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғдро ошкор намудааст (с. 110-115). Дар асоси он самтҳои муттаҳидгардонии раванди баланд бардоштани рақобатпазирӣ дар вилояти Суғд тахия гардидааст (с. 116-127).

**Дар боби сеюм - “Такомули механизми идоракунии рақобатпазирии минтақавӣ”** роҳҳои такмилдиҳии механизми идоракунии рақобатпазирӣ дар вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон дида баромада шудааст.

Муаллиф дар диссертатсия таъкид мекунад, ки дар ҷаҳон рақобатпазирии иқтисодиёти миллиро дар асоси таҳлили иқтисодӣ аз рӯи индикаторҳои муайян аниқ кардан мумкин аст. Вобаста ба ин раддабандии мамлакатҳои ҷаҳонро доир ба рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ арзёбӣ менамояд. Дар асоси он алгоритми мақомотҳои ҳокимияти минтақавӣ дар доираи баланд бардоштани рақобатпазирии минтақа пешниҳод гардидааст (с. 129-140).

Диссертант барои ҳалли муаммои рушди муътадили минтақа ва инкишофи рақобатпазирии вилояти Суғд пешниҳод менамояд, ки бояд стратегияи маркетингӣ коркард карда шавад. Таъкид мешавад, ки стратегияи мазкур барои мувофиқасозии амалҳои мақомотҳои минтақавӣ дар самти инкишофи рақобатпазирӣ имконият дода, истифодаи тарзи маркетингии идоракунии минтақаро таъмин менамояд (с. 145-155).

Дар диссертатсия механизми идоракунии рақобатпазирии минтақа ба се блоки асосии идоракунӣ ҷудо карда шудааст. Ҳамаи блокҳои ҷудо карда шуда барои баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисодиёти минтақа равона шудаанд ва метавонанд мунтазам барои расидан ба ҳадафҳои гузошташуда

амал намоянд.

Дар хулосаи диссертатсия тавсияҳои муаллиф оид ба баланд бардоштани рақобатнокии минтақаи вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидаанд.

4. **Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия** дар он ифода меёбад, ки пешниҳоду тавсияҳои муаллифи диссертатсия оид ба рушди назария ва амалияи рақобатпазирии минтақаҳо, аллахусус вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳри рушди босуботи иқтисодиёти миллӣ мусоидат хоҳад кард. Дар диссертатсия зарурат, самт, афзалият, ҷанбаҳои мусбии таъмини рақобатпазирии иқтисодиёти минтақаҳо дар ҷумҳурӣ дар заминаи истифодаи механизмҳои имконпазири рушд исбот ва асоснок шудааст, ки дар оянда онҳоро дар илми иқтисодии ватанӣ метавон истифода намуд. Тавсияҳои коркардшудаи муаллиф барои таъмини рақобатпазири минтақаҳо бештар мусоидат мекунанд.

Дар кори диссертатсионӣ новобаста аз дастовардҳои баланди илмии ба даст оварда шуда баъзе камбудиҳои зерин ба чашм мерасанд.

1. Дар асосноккунии илмии рақобат ва рақобатпазирӣ асарҳои илмии олимони ватанӣ нокифоя истифода шудаанд.

2. Дар параграфи 1.3 асосан таҷрибаи кишварҳои рушдкардаи ҷаҳонӣ мавриди омӯзиш қарор дода шудааст, вале ба таҷрибаи кишварҳои ҳамсоя аҳамияти махсус дода нашудааст. Беҳтар мегардид, ки ба онҳо низ таваҷҷуҳ дода мешуд.

3. Хуб мешуд, агар дар диссертатсия баҳамалоқамандӣ ва баҳамтаъсиррасонии рақобатнокии иқтисодиёти минтақа ва принсипҳои рушди устувор таҳлил карда мешуд.

4. Дар дар ҷадвали 2.21 диссертатсия, саҳифаи 113 нишондиҳандаи интегралии рақобатпазирии шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд дар соли 2020 хело хуб ҳисобу китоб карда шудааст, вале аҳамияти ҳолати мазкур барои оянда чӣ гуна мебошад, нокифоя арзёбӣ карда шудааст.

5. Дар диссертатсия нақши соҳибкории инфиродӣ, хурд ва миёна дар рушди рақобатнокии иқтисодиёти минтақа ва пешгирии рушди монополизм нокифоя таҳқиқ шудааст.

Вале ин камбудиҳо аҳамияти илмӣ ва амалии кори диссертатсиониро паст намекунанд.

Автореферат ва корҳои илмии нашр кардаи муаллиф мазмуни асосии кори диссертатсиониро инъикос мекунанд.

Кори диссертатсионии Ҷураев М. Б. ба Шиносномаи номгӯи ихтисоси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи ихтисоси доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи

ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт (6D050606 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ) мувофиқат мекунад.

Таҳқиқоти кори диссертатсионии Ҷураев Меҳроҷ Бобокулович дар мавзӯи: “Ташаккули рақобатнокии низоми иқтисодии минтақа (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)” натиҷаи кори таҳқиқоти илмии мустақилона ва эҷодкорна ба анҷом расонидаи муаллиф мебошад, ки ба мавзӯи муҳими рӯз дар шароити иқтисодиёти бозории Тоҷикистон бахшида шудааст ва дорои навигариҳои илмӣ ва аҳамияти амалӣ дошта мебошад. Диссертатсия ба талаботҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба диссертатсияи илмӣ бо пуррагӣ ҷавобгӯӣ мебошад. Аз ин лиҳоз муаллифи он Ҷураев Меҳроҷ Бобоқулович сазовори дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт (6D050606 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ) мебошад.

**Муқарризи расмӣ,**
**доктори илмҳои иқтисодӣ,**
**профессор, профессори кафедраи**
**маркетинги соҳавӣ ва**
**байналмилалии Донишгоҳи**
**технологии Тоҷикистон** **Абдуғаффор Рауфӣ**

**Адрес: 734061, ш. Душанбе, кӯч. Н. Қарабоев, 63/3, ДТТ.**
**Тел.: 234-09-07, E-mail: eco_institute@mail.ru**

**Имзои А. Рауфиро тасдиқ мекунам**
**Мудири ШК ва КМ ДТТ** **Бухориев Н.А.**

ДОНИШГОҲИ ТЕХНОЛОГИИ ТОҶИКИСТОН • ТЕХНОЛОГИЧЕСКИЙ УНИВЕРСИТЕТ ТАДЖИКИСТАНА • ШУЪБАИ КАДРҲО • ОТДЕЛ КАДРОВ